**ПРОТОКОЛИ №__10__**
**ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-113**

**аз “_30._”__06__ соли 2026** **ш. Душанбе**

**Дар ҷаласа иштирок доштанд:**
Аз 16 нафар аъзои шуро 15 нафар

**Раиси шуро:** Аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2025 №495/шд тасдиқ гардида, 15 нафар иштирок доранд, ки аз онхо 5 нафарашон аз руйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб мераванд.

Пешниҳод шуд, ки ҷаласаи шуро гузаронида шавад. Муҳтарам аъзоёни шуро, ягон пешниҳоди дигар нест? Нест.

Касе ҷонибдори он бошад, ки кори шуро оғоз карда шавад, хоҳиш менамоям, мавқеи худро муайян намояд. Муқобил, бетараф? Нест. Якдилона қабул гардид.

**РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:**

Ба ҳимоя иҷозат додани диссертатсияи **Солеҳзода Шоира Солеҳ дар мавзуи “Асосҳои илмӣ-методии таълими воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ ва мавқеи онҳо дар рушди фарҳанги нутқи хонандагон”** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.5.3. – Назария ва методикаи таълими забони тоҷикӣ.

**ШУНИДА ШУД:**

Раиси комиссияи экспертӣ Рузиева Лола Толибовна ва аъзои комиссияи экспертӣ Хоҷиматова Гулчеҳра Масаидовна, Ҳомидзода Дилмурод Ражаб оид ба шиносоии пешакӣ бо диссертатсияи пешниҳодгардидаи **Солеҳзода Шоира Солеҳ дар мавзуи “Асосҳои илмӣ-методии таълими воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ ва мавқеи онҳо дар рушди фарҳанги нутқи хонандагон”** ибрози андеша намуда, қайд карданд, ки диссертатсияи мазкурро барои ба ҳимоя қабул намудан мумкин аст.

Шурои диссертатсионӣ хулосаи мусбати комиссияи экспертиро оид ба диссертатсияи **Солеҳзода Шоира Солеҳ дар мавзуи “Асосҳои илмӣ-методии таълими воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ ва мавқеи онҳо дар рушди фарҳанги нутқи хонандагон”** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.5.3. – Назария ва

методикаи таълими забони тоҷикӣ пешниҳод шудааст, шунида, баррасӣ карда,

**ҚАРОР ҚАБУЛ КАРД:**

1. Диссертатсияи **Солеҳзода Шоира Солеҳ дар мавзуи “Асосҳои илмӣ-методии таълими воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ ва мавқеи онҳо дар рушди фарҳанги нутқи хонандагон”** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.5.3. – Назария ва методикаи таълими забони тоҷикӣ ба ҳимоя кабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ таъин карда шаванд:

– **Шербоев Саидбой** – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, узви вобастаи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон;

– **Иматзода Лутфия Маҳмадулло** - доктори илмҳои педагогӣ, профессор, мудири шуъбаи педагогика, психология ва методикаи таълимии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи А. Ҷомии АТТ;

– **Абдураҳимзода Қудратулло Саид** - доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи педагогика ва психологияи МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав».

3. Ба сифатӣ муассисаи пешбар **Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айни** таъин гардад.

4. Барои ҷойгир намудани эълони ҳимоя, матни диссертасия, ва автореферати он дар сомонаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва фиристодани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

6. Таърихи баргузории ҳимоя **13 октябри соли 2026 соати 09.00** муқаррар карда шавад.

**Натиҷаи овоздиҳӣ:** тарафдор – 15 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест.

**Якдилона қабул карда шуд.**

**Раиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои педагогӣ, профессор** Мухаметов Г.Б.

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои педагогӣ, дотсент** Абдуллоева Т.М.